# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ. шаҳри Душанбе, 2025. – 164с.**

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, бандҳои 1, 3 ва 4:

1. Таҳқиқоти асосҳои назариявии технологияи фарматсевтӣ, валидатӣ, идоракунии хавф, интиқоли технология аз марҳилаи коркарди фарматсевтӣ то ба истеҳсоли силсилавӣ;

3. Коркарди технологияи ба даст овардани маводи ибтидоӣ ва шаклҳои тайёри доруворӣ;

4. Таҳқиқот оид ба омӯзиши махсусиятҳои технологии ба даст овардани шаклҳои тайёри доруворӣ аз намудҳои гуногуни маводи ибтидоӣ, ашёҳо ва моддаҳои ёрирасон мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуъи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, бемориҳои дилу рагҳои хунгард яке аз мушкилоти асосии соҳаи тандурустӣ буда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад. Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамасола тақрибан 16 000 нафар аз бемориҳои гуногуни бемориҳои дилу рагҳои хунгард мефавтанд.

Таҳқиқоти илмии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳанд, ки барои пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои дилу рагҳои хунгард, доруҳои растанигӣ манфиатнок ба ҳисоб меравнд.

Флораи Тоҷикистон дорои манбаъи бойи моддаҳои хусусияти доругӣ, ба хусус адонизид, дигоксин, дигитоксин, кордигит, коргликон, фламин ва ғайра, ки дар таҷрибаи дорусозӣ маъмул аст ва аз манбаъҳои табиии ватанӣ ба даст овардан мумкин аст, фарогир мебошад.

Растаниҳои доругии фармакопеявии ватанӣ аҳаммияти илмию амалӣ доранд, зеро қисми зиёди онҳо аз рӯйи арзёбии фармакопеяҳои Федератсияи Русия таҳқиқи мушаххаси илмӣ нашудаанд. Таҳқиқоти ҷудогона аксаран бартариятнокии моддаҳои фаъоли биологии онҳо дар нисбати ҳамнавъони фармакопеявии аз дигар минтақаҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ тавсияшавандаро нишон медиҳад. Аммо дар баробари ҳамаи ин растаниҳои фармакопеявии маъмулӣ қисми зиёди растаниҳои табобатии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқи фармакогностӣ нашудаанд ва дар ягон фармакопея шомил

нестанд. Омӯзиши васеи онҳо яке аз масъалаҳои мубрами дорусозии ватанӣ ба шумор меравад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №569 «Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» бо мақсади истифодабарии самарноки растаниҳои доругӣ, ки захираи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят зиёд аст, қабул карда шуд, ки тибқи ин барнома, истеҳсоли дору бо истифода аз ашёи хоми растаниҳои доругии ватанӣ дар мадди аввал меистад.

Махсусан, таҳияи маводи доругие, ки ба низоми гардиши хун таъсири мусбат мерасонанд, аз ҷумлаи вазифаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, истифодаи маводи растаниҳои доругӣ барои табобати бемориҳои дилу рагӣ музмини беморони ҷавон ва пиронсолон маводи доругии бартариятнок ҳисобида мешаванд.

Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дӯлона (Crataegus L.) мавқеи махсусро ишғол намуда, доруҳои дар асоси он таҳиягашта барои пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои дилу рагӣ истифода мешаванд. Хусусиятҳои шифобахшии дӯлона ба маҷмуи моддаҳои фаъоли биологӣ, аз ҷумла флавоноидҳо, гликозидҳо, сапонинҳои тритерпенӣ, моддаҳои даббоғӣ, кислотаҳои органикӣ ва макро – микроунсурҳои таркиби он вобаста аст.

Маълумотҳои муосири гиёҳдармонӣ, дӯлона маводи универсалии қалбӣ мебошад, ки самаранокии табобатии он бо ҳамтаркибёбии маҷмуи самтҳои мушаххаси таъсири фармакологии он вобаста аст. Ҳамин тариқ, танҳо омӯзиши фарогир метавонад дурнамои истифодаи маводи гиёҳдармонии қалбиро кушода гардонад ва дар пешгирӣ ва табобати бемориҳо, махсусан бемориҳои дилу рагӣ, нақши муҳим зоҳир намояд.

Таҳқиқоти минбаъда дар ин самт нисбат ба объекти мушаххас – меваҳои дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Тоҷикистон мерӯяд, ба мақсад мувофиқ ва дар амал аҳаммияти калон дошта, дар баробари ин бо назардошти дастрасии васеи манбавӣ барои таҳияи шаклҳои доругии бемориҳои дилу рагӣ дурнамои васеи тиббӣ ва иқтисодӣ дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертант бори аввал:

1. Дастурамали ҷамъоварии махсусиятноки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ таҳия кардааст.
2. Технологияи бартариятноки истеҳсоли экстрактҳои моеъ ва хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ, инчунин ғилофакҳои сахти желатинии

«Дӯлона-кард» дар асоси экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ таҳия кардааст.

3. Шароити бартариятноки нигоҳдорӣ барои экстракти хушк ва ғилофакҳои «Дӯлона-кард», инчунин устувории онҳо дар давоми муҳлати пешбинишуда муқаррар намудааст.
4. Тавассути таҳқиқоти биологӣ бехатар будани ғилофакҳои «Дӯлона-кард» дар асоси экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ муайян ва имконияти дар амалияи тиббӣ ва фарматсевтӣ истифода бурдани онҳо муқаррар намудааст.
5. Барои ашёи хоми «Меваҳои дӯлонаи туркистонӣ», инчунин шаклҳои доругии «Экстракти моеи меваҳои дӯлонаи туркистонӣ»; «Экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ» ва ғилофакҳои сахти желатинии «Дӯлона-кард» бастаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ таҳия намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта;** дар он ифода меёбад, ки гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар таҷҳизотҳои муосири дорои сертификати шаҳодатномаҳои амалкунандаи санҷишидошта мавриди истифода қарор дода шудааст. Бо усулҳои коркарди оморӣ дақиқӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот муқаррар карда шудааст. Ин имконият медиҳад, ки онҳо боэътимод ҳисобида шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссератсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 164 саҳифа, пешниҳоди 41 ҷадвал ва 24 расм мураттаб гардида, аз қисматҳои зерин: рӯйхати ихтисорот, муқаддима, шарҳу тавзеҳи адабиёт, мавод ва усулҳои таҳқиқот, натиҷаҳо ва муҳокимаи онҳо, ҷамъбаст, хулосаҳо, рӯйхати адабиёт, ки 156 манбаъ (135 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 21 муаллиф аз хориҷи дур)-ро фаро гирифтааст, таркиб ёфтааст.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия аҳамияти мавзуъ шарҳ дода шудааст, мақсад ва вазифаҳо он муайян карда шуда, объект, усулҳои таҳқиқот навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳо, саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ оварда шудааст.

**Дар боби якуми** диссертатсия унвонҷӯ адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, дар асоси он вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст.

Дар боби мазкур маълумоти адабиётӣ оид ба бемориҳои системаи хунгардӣ, махсусан бемориҳои дилу рагӣ: ишемияи дил ва фишорбаландии шараёниро ба таври васеъ омӯхта, сохторбандӣ намудааст; оид ба хатари сартосарии онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ бо истифода аз сарчашамаҳои боэътимоди маълумотӣ далелҳои асоснок ҷамъоварӣ кардааст, ки мубрамияти мавзуи диссертатсияро тасдиқ мекунанд.

**Дар боби дуюм** довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси маълумоти шарҳи адабиёт консепсияи минбаъдаи таҳқиқотро интихоб намуда, барои ноил шудан ба мақсади худ усулҳои таҳқиқи физикию-химиявӣ, таҳқиқи макроскопӣ ва микроскопии ашёи хоми МДТ, ба даст овардани экстрактҳо, муайянкунии нишондиҳандаҳои фармако-технологӣ, технологияҳои ба даст овардани шаклҳои доругӣ ва мундариҷаи минбаъдаи корро тартиб додааст.

**Дар боби сеюми** диссертатсия таркиби фитохимиявии МДТ-ро аз рӯйи панҷ гурӯҳи калони МФБ (флавоноидҳо, гликозидҳо, қандҳо, кислотаҳои органикӣ, моддаҳои даббоғӣ, инчунин минералҳо) аз ду мавзеи ҷуғрофӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷануби-Шарқӣ) таҳқиқ намуда ва хулосабарори кардааст, ки барои таҳияи шаклҳои дору дар асоси меваҳои он заминаҳои иқтисодӣ вуҷуд дорад. Дар робита ба ин, дастурамали махсуси ҷамъоварӣ ва коркарди аввалияи МДТ, инчунин нишондодҳои ҷадвалии онро мураттаб карда, дастури фармакопеии ашёи хоми «Меваҳои дӯлонаи туркистонӣ»-таҳия шудааст. Ҳуҷҷати мазкур барои дар истеҳсолоти фарматсевтӣ ҷорӣ намудани ашёи хоми МДТ асоси меъёрӣ ба ҳисоб меравад.

**Дар боби чорум** бо мақсади таҳияи технологияи бартариятноки ба даст овардани ЭХМДТ, интихоби экстрагенти мувофиқ, усул ва шароити гузаронидани раванди экстрактсияро муайян намуда, таносуби ашёи хом ва экстрагент, инчунин меъёрҳои технологӣ интихоб шудааст.

Ҳангоми истифода усулҳои экстраксия усули ратсионалӣ масератсияи фавқулссадой интихоб карда шудааст, ки он муҳлати раванди технологиро кӯтоҳ мегардонад ва баромади баланди МФБ-ро таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, бо усули фавқуссадой, ЭММДТ ба даст оварда шудааст. Дар баробари ин, аз рӯйи интихоби васеи моддаҳои ёридиҳанда ЭХМДТ-ро тавассути лактозаи беоб стандартонӣ намудааст.

**Дар боби панҷум** таҳқиқотҳои илман асоснок ва таҷрибаҳои амалии таҳияи таркиб ва технологияи ғилофакҳои сахти желатинӣ ба даст оварда шудааст. Ғилофакҳои таҳияшударо баъди санҷиши тозагии микробиологӣ ва бехатарии заҳршиносӣ аз рӯйи талаботҳои меъёрӣ баҳодиҳӣ стандартонӣ намуда, пас аз натиҷаи мусбат номи шартии «Дӯлона-кард» аз ҷониби муаллиф номгузорӣ шудааст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ДФ ғилофакҳои сахти желатинии «Дӯлона-кард» ва регламенти технологӣ таҳия намуда, дар шароити истеҳсолӣ як силсилаи таҷрибавии он истеҳсол шудааст. Санҷиши регламенти технологӣ нишон дода шудааст, ки технологияи таҳияшуда дар шароити саноатӣ бозтавлидшаванда мебошад.

**Дар боби шашум** натиҷаҳои таҳқиқот ба таври муфассал муҳокима шудаанд.

**Хулоса** аз 5 банд иборат буда дар онҳо оид ба истифодаи растаниҳои шифобахш дар табобати бемориҳои дилу рагӣ, таҳлили фитохимиявии меваҳои дӯлонаи туркистонӣ, истихроҷи моддаҳои фаъоли биологии меваҳои дӯлонаи туркистонӣ бо усулҳои матсератсия перколятсия ва матсератсияи фавқуссадоӣ, таҳлили фармако-технологӣ ва дар асоси таҳлилу омӯзишҳои гузаронидашуда барои меваҳо, экстрактҳои моеъ ва хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ, инчунин ғилофакҳои «Дӯлона-кард» регламентҳои технологӣ ва дастурҳои фармакопеӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия;** технологияи ба даст овардани экстракти моеъ ва хушк, инчунин ғилофакҳои сахти желатинӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба тариқи таҷрибавӣ тасдиқ карда шуд. Аҳаммияти амалии кор дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии озмоишгоҳҳои илмӣ, таълимӣ ва кафедраҳои муассисаҳои олии тахассуси фарматсевтӣ истифода бурда мешаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсия 12 маводи чопӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 фишурда дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр карда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** ва автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, мазмуну мундариҷаи кори илмиро пурра инъикос мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бар меояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷоҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи маскур баъзе камбудиҳо ва хатогиҳои имлоию грамматикӣ ҷой доранд:

1. Дар бораи хосиятҳои ботаникию фармакогностии дулонаи туркистонӣ, ки дар Тоҷикистон мерӯяд, маълумоти назариявӣ дар шарҳи адабиёт кам оварда шудааст.
2. Маълумоти сарчашмаҳои илмӣ оид ба захираҳои табиии объекти таҳқиқот нокофӣ аст.

3. Дар кор спирти этил ҳамчун экстрагент дар консентратсияҳои гуногун истифода намудааст. Вале қобилияти экстрактгунонии спирти этил бо дигар экстрагентҳои органикӣ муқоиса нашудааст.
4. Дар қисми экспериментали диссертатсия тарзи ҷудокунии моддаҳои фаъоли биологии пурра ва равшан оварда шудааст, аммо дар муҳокимаи натиҷаҳо ягон натиҷа оварда нашудааст.
5. Ба корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар қисмати шарҳи адабиёти илмӣ ва қисмати таҷрибавии диссертатсия кам иқтибос овардааст.
6. Миқдории моддаҳои фаъоли биологии объекти таҳқиқот бо дигар намудҳои дулона дар муқоиса бо таркиб оварда нашудааст.
7. Дар матни диссертатсия ва автореферати он хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ вомехӯранд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанад ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ пешниҳод гардидааст дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори
кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Бобизода Ғ.М.
«15» майи соли 2025.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 102, ҳ 199
Телефон: (+992) 918-17-03-60
E-mail: bobievgm@mail.ru

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Сино 29-31
Телефон: (+992) 2353496
E-mail: info@tajmedun.tj
«15» майи соли 2025.

РАЁСАТИ РУШДИ КАДРҲО
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Бобизода Ғ.М-ro
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
“15” 05 2025 с/г